**«Тасдиқ менамоям»**
Ректори МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров», дотсент Набизода М.С.

_______________________
«____»___________________соли 2025

**ХУЛОСАИ**

кафедраи умумидонишгоҳии психологияи умумии МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» доир ба диссертатсияи Бобоҷонова Назира Дадоевна дар мавзуи «Муҳити солими психологии оила ҳамчун омили инкишофёбии ҳиссиётҳои ахлоқии наврасон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои психологӣ аз рӯйи ихтисоси 19.00.05 – Психологияи иҷтимоӣ.

Диссертатсия дар кафедраи умумидонишгоҳии психологияи умумии МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» иҷро карда шудааст.

Дар давраи тайёр кардани диссертатсия Бобоҷонова Назира Дадоевна унвонҷӯи кафедраи умумидонишгоҳии психологияи умумии МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» ба ҳисоб рафта, дар вазифаи муаллими кафедра фаъолият мекунад.

Бобоҷонова Назира Дадоевна соли 2006 омӯзишгоҳи педагогӣ (ҳоло Коллеҷи омӯзгории МДТ «ДДХ ба номи академик Бобоҷон Ғафуров»)-ро аз рӯйи ихтисоси забон ва адабиёти тоҷик, соли 2012 факултети филологияи тоҷики МДТ «ДДХ ба номи академик Бобоҷон Ғафуров»-ро аз рӯйи ихтисоси забон ва адабиёти тоҷик ва соли 2018 магистратураи факултети педагогии МДТ «ДДХ ба номи академик Бобоҷон Ғафуров»-ро аз рӯйи ихтисоси психолог-мушовир хатм намудааст.

Тибқи нақшаи таълимии шуъбаи тайёркунии кадрҳои илмӣ ва илмӣ-педагогии Донишгоҳ аз ҷониби унвонҷӯ имтиҳонҳои минимумии номзадӣ аз фанни забони хориҷӣ (англисӣ) санаи 12 декабри соли 2019, бо баҳои «5»

(аъло) ва аз фанни таърих ва фалсафаи илм санаи 8 октябри соли 2019 бо баҳои «4» (хуб) супорида шудаанд. Шаҳодатнома дар бораи супоридани имтиҳонҳои номзадӣ аз тарафи МДТ "ДДХ ба номи академик Бобоҷон Ғафуров" таҳти №1 аз 8.12.2020 таҳти №7 аз санаи 15.01.2020 дода шудааст.

Мавзуи диссертатсия дар Шӯрои олимони донишгоҳ аз 30.05.2019 таҳти №426 тасдиқ шудааст.

**Роҳбари илмӣ –** Юнусова Нафисахон Муродовна, доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи умумидонишгоҳии педагогикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

**Мундариҷаи диссертатсия** бо бандҳои зерини шиносномаи ихтисоси илмии 19.00.05 – Психологияи иҷтимоӣ, аз ҷумла: ба *банди* 2 – қонуниятҳои муошират ва баҳамтаъсиррасонии одамон; тарафи иртиботии муошират (хусусиятҳои хоси робитаҳои байни одамон; намудҳои иртибот; воситаҳо: иртиботӣ шифоҳӣ ва ғайришифоҳӣ; самаранокии раванди иртиботӣ; хусусиятҳои иртиботи оммавӣ); тавсифдиҳандаҳои иҷтимоӣ-психологии низоъҳои иҷтимоӣ ва байнишахсӣ; *банди* 3 – Психологияи иҷтимоии гурӯҳҳо: гурӯҳ ҳамчун предмети таҳқиқоти психологияи иҷтимоӣ; таснифоти гурӯҳҳо; психологияи муносибатҳои байнигурӯҳӣ (механизмҳои идроки байнигурӯҳӣ; самаранокии фаворитизми дохилигурӯҳӣ ва табъизи байнигурӯҳӣ); *банди* 4 – Психологияи иҷтимоии шахс: хусусиятҳои раҳёфти иҷтимоӣ-психологӣ ба фаҳмиши шахс; таносуби шахс ва гурӯҳ дар психологияи иҷтимоӣ; Ман-консепсия ҳамчун натиҷаи рушди иҷтимоии шахс; ҳуввияти иҷтимоӣ ва шахсиятӣ ва худмуайянкунии ҳаётӣ; раванди иҷтимоишавӣ дар шароитҳои тағйирёбии ҷаҳон; *банди* 5- Воситаҳои амалии психологияи иҷтимоӣ: соҳаи муносибатҳои оилавӣ ва тарбия; хусусиятҳои таҳқиқот ва корҳои амалии иҷтимоӣ-психологӣ дар шароитҳои тағйироти иҷтимоӣ мувофиқат мекунад.

Диссертатсия кори илмии комилу анҷомёфта буда, дорои арзиш ва аҳаммияти назариявию амалӣ ва навгонии илмӣ мебошад. Муаллиф

пажӯҳиши доманадор ва муфассалеро анҷом додааст, ки дар сатҳи хуби илмӣ қарор дорад. Мақсад ва вазифаҳои кори таҳқиқотӣ мувофиқ ба талабот муайян гардида, бо қисмати навгониҳо ва масъалаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда ҳамоҳанг мебошад.

**Муҳиммияти мавзуи таҳқиқот.** Дар раванди ҷаҳонишавӣ ва дигаргуниҳои сиёсиву иҷтимоӣ, фарҳангиву иқтисодӣ ҷомеаи муосир ба пешрафтҳои назаррасе ноил гардидааст, ки дар он раванд таҳқиқи масъалаҳои илмӣ мубрам маҳсуб меёбад. Махсусан, замони имрӯз тақозо менамояд, ки аҳли илм бояд дар омӯзиш ва баррасии муҳимтарин масъалаҳои илмӣ, ки ҷиҳати таҳаввули маърифати инсонӣ муассиранд, кӯшиш намоянд. Дар ин замина шинохти арзишҳои милливу маънавӣ ва иҷтимоиву инсонӣ бо назардошти равишҳои замонавии илми муосир яке аз ҳадафҳои асосӣ мебошад. Аз ҷумла таҳқиқи масъалаҳои психологияи миллӣ, ки мавзуъҳои мубрами ҷомеаи моро фаро мегирад, вазифаи равоншиносони ватанӣ хоҳад буд. Бо назардошти ин матлаб омӯзиши илмии яке аз ниҳодҳои иҷтимоӣ – оила, ҷиҳати шинохт ва ҳалли мушкилоти хонаводагӣ нақши муассир дошта, заминаи мусоид фароҳам меоварад. Зеро муайян намудани заминаҳои ташаккули ахлоқии наврасон дар муҳити оила яке аз навгониҳои муҳими психологияи иҷтимоӣ маҳсуб меёбад. Муайян намудани таъсири бевоситаи муҳити солими оила ба ҳолатҳои психологӣ ва ташаккули ҳиссиётҳои ахлоқии наврасон, ки аз масъалаҳои меҳварии рисола мебошад, барои рушди психологияи ватанӣ низ аҳаммияти махсус дорад. Аз иттилоти илмии психологияи муосир равшан аст, ки муҳити солими оила дар ташаккули ҳиссиётҳои ахлоқии наврасон нақши муассир гузоштааст. Бо вуҷуди он, ки дар марказҳои илмии ҷаҳонӣ омӯзиш ва баррасии масъалаҳои марбут ба оила ва муҳити иҷтимоии хонаводаҳо, ҳамчунин таъсири онҳо ба одобу ахлоқи аъзоёни оила хусусан наврасон мақолаву рисолаҳои илмиву оммавӣ ба нашр расида бошанд, ҳам дар муҳити иҷтимоӣ ва илмии кишвар таҳқиқи чунин

масъалаҳо дар илми психологияи миллиамон маҳз дар замони истиқлолияти давлатӣ татбиқи амалии худро ёфта истодааст.

Тағйирёбии ҷомеа арзишҳои навро дар ниҳодҳои иҷтимоӣ, аз ҷумла оила ҷорӣ карда, он ба ташаккули ҳиссиётҳои ахлоқии наврасон таъсири рӯзафзуни худро расонидааст. Аз ин лиҳоз, дар ташаккули ҷомеаи солим ва раванди рушди маърифати инсонӣ оила аз институтҳои асосие мебошад, ки бидуни он ташкили ҷомеаи намунавӣ ғайриимкон мебошад. Дигаргуниҳои иҷтимоӣ ва муҳити солими оила ба психологияи аъзоёни он ва ташаккули ҳиссиёти ахлоқии наврасон, бахусус ҳолатҳои психологии онҳо таъсири худро расонидааст, ки он дар рушди минбаъдаи маърифати инсонӣ муассир мебошад. Аз ин рӯ, баррасии мавзуи мазкур дар ҳалли масъалаҳои психологӣ ва ҳиссиёти ахлокии наврасон заминаи муфид фароҳам меоварад.

**Навгонии илмии таҳқиқот аз нуктаҳои зерин иборат аст:**

1.Таҳлили ҳамаҷонибаи навъҳои гуногуни оила зимни таҳқиқот ҷараён гирифта муайян карда шуд, ки инкишофи зеҳниву психологии наврасон ва ташаккули ҳиссиёти ахлоқии онҳо вобаста ба шароити иҷтимоӣ-иқтисодии оила буда, таъин карда шуд, ки муносибатҳои тарбиявии бузургони оила дар таҳкими боварҳо ва таълиму тарбияи наврасон заминаи мусоид фароҳам меоварад. Муносибатҳои ахлоқӣ ва тарбиявии волидон бо наврасон дар сатҳи психологии гуногун қарор гирифтанаш барои татбиқи тарбияи ахлоқӣ ва ташаккули шахсияти наврасон таъсири назаррас дорад.

2.Бо вуҷуди мавҷуд будани шароити иҷтимоӣ-иқтисодӣ дар оилаҳои муаммодор каҷрафтории наврасон ба назар мерасад, ки бевосита аз муносибати дурушти волидон сарчашма мегирад. Роҳҳои ҳалли муаммоҳои худтанзимкунӣ ва худташкилдиҳии рафтори наврасон пешниҳод карда шудааст.

3.Корбасти методҳои суҳбат, пурсишнома, инчунин, методҳои махсус дар муайян кардани инкишофёбии ҳисси ахлоқии наврасон дар оила илова бар методҳои маъмули соҳаи психологияи амалӣ ва иҷтимоӣ, ки дар сатҳи

академӣ гузаронида мешаванд, таъсири муайяни худро доранд. Дар муҳити оилаҳои миллӣ, инчунин муносибати анъанавии волидон ба хусус модар, ки нақши мобайнӣ байни падару фарзандонро мебозад дар таҳкими тарбияи психологии наврасон заминаи мусоид фароҳам меоварад. Дар таҳқиқот корбурди чунин методҳо барои самаранокии натиҷаҳои бадастомада зимни таҳлилу баррасӣ аҳаммияти махсус пайдо карданд.

4.Ҳиссиёти ахлоқии наврас дар оила нисбат ба падар ва модар дар сатҳи гуногун ифода гардида, ҳиссиёти ахлоқии писар ва духтар низ нисбат ба якдигар мухталиф мебошад.

5.Меъёрҳои тарбия ва раванди таълиму тарбияи наврасон дар оилаҳои тоҷик нисбат ба раванди таълиму тарбия ва муҳити хонаводагии ҷомеаи ғарбӣ комилан аз ҳам тафовут дорад, ки ҳангоми омӯзиши муносибатҳои психологӣ дар муҳити оила байни волидон ва наврасон муайян гардид.

**Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот** пеш аз ҳама дар он зоҳир мегардад, ки натиҷаҳои илмии бадастомада дар раванди таълими барномаҳои таълимии соҳаи психология мавриди тадрис қарор хоҳад гирифт. Ҳамчунин, дар татбиқи амалии муқаррароти санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ, ки дар самти танзими муносибатҳои оилавӣ ба тасвиб расидаанд, иттилооти таҳқиқот метавонад маводи заруриро пешниҳод намояд. Илова бар ин, истифодаи маводи таҳқиқот дар самти тарбияи психологӣ, маърифатӣ, хештаншиносӣ, ватандӯстӣ, ахлоқӣ ва дигар ҷанбаҳои таълиму тарбияи наврасон заминаи мусоид фароҳам хоҳад овард. Корбурди натиҷаҳои таҳқиқот дар коркарди барномаҳо барои оилаҳои ҷавон, волидайн, мушовири оилавӣ, машварати устодони равоншинос ва кор бо наврасон ҳамчун асос муфид мебошад. Натиҷаҳои таҳқиқотро дар рисолаҳои илмии минбаъдаи мавзуотӣ дар доираи дигар илмҳо низ истифода бурдан мумкин аст. Натиҷаҳои диссертатсияро метавон ҳангоми таълими курсҳои муносибатҳои оилавӣ, психологияи наврасон, психологияи иҷтимоӣ, психологияи синнусолӣ ба таври васеъ истифода бурд.

**Эътимоднокӣ ва асоснокии натиҷаҳои таҳқиқот.** Ҳангоми гузаронидани таҳқиқот шартҳои эмпирикӣ ва назариявӣ риоя гардида, асосҳои назариявии таҳлили далелҳои бадастоварда истифода бурда шудаанд, ки натиҷаи онҳо объективӣ мебошанд. Ҳангоми ташкил ва интихоби гурӯҳчин вазифаҳои таҳқиқот вобаста ба мароми рисола низ ба назар гирифта шуда, методҳои индуктивӣ ва оморӣ дар рафти таҳлили натиҷаи таҳқиқот истифода гардидаанд.

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ дар 11 интишороти муаллиф инъикос ёфтаанд, ки аз онҳо 6 номгӯй дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд.

Мазмун ва муқаррароти асосии диссертатсия дар нашрияҳои зерин инъикос ёфтаанд:

**I. Мақолаҳои илмие, ки дар маҷаллаҳои тақризшавандаи бонуфузи аз ҷониби КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва КОА-и Вазорати маориф ва илми Федератсияи Русия тавсияшуда нашр шудаанд:**

[1-М]. Бобоҷонова, Н.Д. Нақши психодиагностика дар ташаккули ҳиссиёти ахлоқии наврасон [Матн] / Н.Д. Бобоҷонова // Паёми донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе, 2020. – №6. – С. 273-277. (ISSN 2074-1847)

[2-М]. Бободжонова, Н.Д. Формирование нравственных качеств личности у подростка в процессе обучения [Текст] / Н.Д. Бободжонова // Паёми донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе: “Сино”, – 2020. – №7. – С. 256-259. (ISSN 2074-1847)

[3-М]. Бобоҷонова, Н.Д. Мушкилии худидоракуниҳо ва худташкилдиҳиҳои наврас дар инкишофи ҳиссиёти ахлоқии ӯ дар оила [Матн] / Н.Д. Бобоҷонова // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. – Душанбе, 2021. − №3-4 (7-8). − С. 160-166. (ISSN 2708-5759)

[4-М]. Бобоҷонова, Н.Д. Вазъи ҳозираи тадқиқи оила ҳамчун омили асосии тарбияи наврасон [Матн] / Н.Д. Бобоҷонова // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. – Душанбе, 2022. – №2 (12). – С. 89-97. (ISSN 2708-5759)

[5-М]. Юнусова, Н.М., Бобоҷонова, Н.Д. Оила ҳамчун ниҳоди таъсиррасон дар рушди ҳиссиётҳои ахлоқии наврасон [Матн] / Н.М. Юнусова, Н.Д. Бобоҷонова // Паёми донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе, 2023. – №10. – С. 276-283. (ISSN 2074-1847)

[6-М]. Манонова, Р.Д., Бобоҷонова, Н.Д. Омӯзиши хусусиятҳои эҷодии фаъолияти наврасон дар илми психология [Матн] / Р.Д. Манонова, Н.Д. Бобоҷонова // Паёми донишгоҳи омӯзгорӣ. – Душанбе, 2023. – №4-2 (18). – С. 245-250. (ISSN 2708-5759)

**II. Маводҳои дар дигар нашрияҳо чопшуда:**

[7-М]. Бобоҷонова, Н.Д. Ташаккули шахсияти инсон аз назари мутафаккирони форсу тоҷик [Матн] / Н.Д. Бобоҷонова // Маводи конфронси илмӣ-амалии умумидонишгоҳии “Масъалаи рушди илми психология дар даврони соҳибистиқлолии Тоҷикистон” бахшида ба 85-солагии ДДХ ба номи академик Бобоҷон Ғафуров ва 70-солагии дотсент Ҳакимова Мунаввара Бақоевна. – Хуҷанд, 2016. – С. 405-412.

[8-М]. Фозилова, М.Ҷ., Бобоҷонова, Н.Д. Хусусиятҳои психологӣ ва тағйироти синни наврасӣ [Матн] / М.Ҷ. Фозилова, Н.Д. Бобоҷонова // Дар пайроҳаи илм. Маҷмӯаи мақолаҳо бахшида ба Соли рушди сайёҳӣ ва эҳёи анъанаҳои миллӣ. – Хуҷанд, 2018. – С. 179-186.

[9-М]. Бобоҷонова, Н.Д., Фозилова, М.Ҷ. Агрессия ва зуҳуроти он дар раванди ташаккули шахс [Матн] / Н.Д. Бобоҷонова, М.Ҷ. Фозилова // Дар пайроҳаи илм. Маҷмӯаи мақолаҳо бахшида ба Соли рушди сайёҳӣ ва эҳёи анъанаҳои миллӣ. – Хуҷанд, 2018. – С. 174-178.

[10-М]. Мамадалиева Г.А., Бободжонова, Н.Д. Проблемы детско-родительских отношений и благополучие ребенка в семье [Текст] / Г.А. Мамадалиева, Н.Д. Бободжонова // Актуальные вопросы лингвистики.

Теории перевода и методики преподавания русского языка. – Худжанд: “Нури марифат”. – 2022. – С. 66-70.

[11-М]. Бобоҷонова, Н.Д. Ташхиси мавқеи оила дар ташаккули ҳиссиётҳои ахлоқии наврасоң [Матн] / Н.Д. Бобоҷонова // Материалы XIII Международной научно-практической конференции «Наука и образование в современном мире: вызовы XXI века». IV том. (27-31 май, 2023г.). – Казахстан, Астана, 2023. – С. 15-18.

**Қарор карда шуд:**

1. Маърӯзаи муаллимаи кафедра Бобоҷонова Назира Дадоевна аз рафти ҳимояи пешакии рисолаи номзадӣ дар мавзуи “Муҳити солими психологии оила ҳамчун омили инкишофи ҳиссиётҳои ахлоқии наврасон” ва музокираи дотсентон: С.Х. Расулов, С.Б. Бобоева, Н.М. Раҷабзода, А.Р. Мансурова, оиди мубрамияти диссертатсияи номзадӣ ба инобат гирифта шавад.
2. Унвонҷӯи кафедра Бобоҷонова Назира Дадоевна вазифадор карда шавад, ки ҷиҳати нашри матни пурраи диссертатсия, навиштани автореферат ва ба ҳимоя баромадан кӯшишҳои назаррас ба харҷ диҳад.
3. Бинобар мубрам будан, муҳиммият доштан, ҷавобгӯии он ба талаботҳои КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мавзуи диссертатсияи номзадии муаллимаи кафедраи психологияи умумӣ Бобоҷонова Назира Дадоевна зери унвони “Муҳити солими психологии оила ҳамчун омили инкишофи ҳиссиётҳои ахлоқии наврасон” ва арзишнокии он барои мутахассисони соҳаи психология, педагогика, омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, донишҷӯёну магистрантон ва ниҳоди оила ба ҳимоя тавсия карда мешавад.
4. Аз Шурои диссертатсионӣ дархост ба амал оварда мешавад, ки кори диссертатсионии Бобоҷонова Назира Дадоевна дар мавзуи “Муҳити солими психологии оила ҳамчун омили инкишофи ҳиссиётҳои ахлоқии наврасон” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои психологӣ аз

рӯйи ихтисоси 19.00.05 – Психологияи иҷтимоӣ (илмҳои психологӣ) ба ҳимоя қабул карда шавад.

Хулоса, аз ҷониби мудири кафедра, номзади илмҳои педагогӣ, дотсент Бойматов Сайфулло Зикруллоевич тартиб дода шуда, дар ҷаласаи васеи кафедра аз 10.05.2025, протоколи №9[а] муҳокима ва тасдиқ гардидааст.

Дар ҷаласаи кафедра 25 - нафар иштирок доштанд. Натиҷаҳои овоздиҳӣ: «тарафдор»-25 нафар, «муқобил»-нест, «бетараф»-нест. Қарор якдилона қабул карда шуд.

**Раиси ҷаласа,**
и.в. мудири кафедраи психологияи умумӣ,
номзади илмҳои педагогӣ, дотсент: Бойматов С.З.

**Котиби ҷаласа:** Қаюмова О.И.
10-майи соли 2025

*Имзои Бойматов Сайфулло Зикруллоевич ва Қаюмова Оишаро* ***тасдиқ мекунам:***

Сардори раёсати кадрҳо
ва кадрҳои махсус: Сайдуллозода З.С.

**Тамос:**
нишона: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон ш.Хуҷанд,
г.Мавлонбеков, 1, тел.: (+992) 928011830
почтаи электронӣ: boymatov.kafedra.psihologiya@mail.ru
веб.сайт: www.hgu.tj